**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Якубова Сабоҳат Нарзуллоевна дар мавзуи “Масъалаҳои мубрам ва дурнамои раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руи ихтисоси 12.00.02. - Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ пешниҳод шудааст (Душанбе, 2024. – 11 саҳ).**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст:**

Диссертатсияи Якубова Сабоҳат Нарзуллоевна дар мавзуи “Масъалаҳои мубрам ва дурнамои раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руи ихтисоси 12.00.02. - Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, № 15/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Таърихи нави давлатдории ҶТ, ки аз солҳои 90-уми асри гузашта оғоз шуд, дар назди ҷомеа ва давлат вазифаву ҳадафҳои нав гузошт. Ислоҳоти сиёсию ҳуқуқӣ, ки дар он замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал омад, дар ҷодаи ҳуқуқэҷодкунӣ, қонунэҷодкунӣ, таҳия ва қабули қонунҳои мукаммал ва ба замони муосир созгорро тақозо мекард. Дар шароити ҷаҳонишавӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон кушиш намуд, ки идоракунии давлатиро дар асоси принсипи

тақзияи ҳокимият ва арзишҳои демократӣ ва ҳуқуқбунёдӣ ба роҳ монад. Қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 ба роҳи пеш гирифтаи кишвари ҷавон такони ҷиддӣ бахшид. Дар асоси Конститутсия ташкили мақомоти ҳокимияти давлатӣ мутобиқи тақзияи ҳокимияти давлатӣ фаъолияти худро мустақилона ба амал мебарорад. Мубрамияти мавзуи матраҳшуда онро инъикос мекунад, ки ислоҳоти конститутсионии 26 сентябри соли 1999, ки бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат баргузор гардид, ба ташкили мақомоти ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти намояндагӣ ва қонунгузор дигаргунии куллиро ба амал овард. Дар натиҷаи ислоҳоти конститутсионӣ мақомоти намояндагӣ ва қонунгузор аз ду маҷлис: Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ташкил гардид ва раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба кулли тағйир ёфт. Маҳз ҳамин ислоҳоти конститутсионӣ буд, ки ҳуқуқэҷодкунӣ, қонунэҷодкунӣ, қабули қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти арзишҳо ва хусусиятҳои миллӣ ба роҳ монда шуд. Акнун қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи вакилон ҳамаҷониба муҳокима гардида, шакли баргузории ҷаласа ва иҷлосияҳои палатаҳои Маҷлиси Олӣ мутобиқ ба хусусиятҳои давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд баргузор мегарданд. Дар ин раванд бояд қайд намуд, ки мушкилоти ба роҳ мондани низоми ҳуқуқӣ ва низоми қонунгузории кишвар ба миён омада буд. Ва парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист низоми қонунгузории муосири кишварро ба роҳ монад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:** Навгониҳои илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегарданд, ки таҳқиқоти мазкур аввалин таҳқиқоти диссертатсионии ватанӣ дар самти раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ғайр аз, ин пештар дар сатҳи таҳқиқоти монографӣ ва диссертатсионӣ масъалаи раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ва батафсил таҳлил нагардида буд. Танҳо дар баъзе диссертатсия ва монографияҳо баъзе аз паҳлуҳои қабули

қонун, ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ, хусусияти парлумонгароӣ мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор гирифта буданд. Дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур мафҳуми раванди қонунгузорӣ, ки аз давраҳои муайян иборат аст мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Бояд тазаккур дод, ки раванди қонунгузорӣ дар ҳар як палатаи парлумон алоҳида баргузор мегардад. Яъне Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллӣ дар қабули қонунҳо мустақил буда, фаъолияти худро дастаҷамъона ба амал мебароранд. Мавзуи диссертатсия ва мундариҷаи он дуруст ва ба мақсади он мувофиқ мебошанд. Хулосаҳои илмию тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда қобили қабул мебошанд. Унвонҷу аз натиҷаи таҳқиқот хулосаҳои назариявӣ баровард, барои амали шудани онҳо тавсияҳои муфид пешниҳод намудааст.

**Асоснокӣ ва муътамад будани хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд:**

Масоили дар диссертатсияро гузошташударо унвонҷу ҳаматарафа таҳлил ва мавриди омузиш қарор додааст, назария ва амалияи раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ карда шудааст. Дар натиҷаи таҳқиқот хулосаю пешниҳодҳои илман асоснок баҳри рушд ва такмили раванди қонунгузории парлумон пешниҳод гардидааст. Мавриди зикр аст, ки муҳимтарин нуктаҳои рисола аз ҷониби таҳқиқкунанда дар шакли мақола, баромад ва маърузаҳои илмӣ дар конфронсҳои сатҳи байнаймилалӣ ва ҷумҳуриявӣ пешниҳод гардидаанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Хулосаву пешниҳодҳои илмии унвонҷуйро метавон дар оянда барои такмили фаъолияти қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурд. Ҳамзамон, пешниҳодҳо барои таҳия, қабул ва такмили қонунҳо, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон нақши муҳим дошта аз аҳаммияти илмию амалӣ холи нестанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии таҳқиқоти дисертатсионӣ ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқотӣ

диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок карда шудаанд.

Ҳамчунин тарзи навишт, гузориши масъала дар диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд. Илова бар ин муаллифи диссертатия дар мақолаҳои илмӣ в маърузаҳои худ пешниҳодҳо ҷиҳати такмили раванди қонунгузории парлумони кишвар манзур кардааст.

Нуктаҳои асосӣ, таклифу пешниҳод, натиҷа ва хулосаҳои рисола дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии фаултети ҳуқуқшиносии ДМТ муҳокима гардидаанд.

**Нашри натиҷаи диссертатсия дар матбуоти илмӣ.** Аз ҷониби диссертант оид ба мазмун ва моҳияти рисола 2 монография, зиёда ва 50 мақолаи илмӣ, аз ҷумла зиёда аз 20 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти ҶТ ва зиёда аз 10 мақола дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд, ки натиҷаҳои асосии рисолаи илмӣ дар маводи нашргашта ифода гардидааст.

Сохтори рисола, барасмиятдарорӣ, мазмуни он ва феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда ба талаботи ба рисолаҳои докторӣ пешниҳодшаванда ҷавобгу мебошанд. Рисолаи мазкур аз феҳристи ихтисорот, муқаддима, панҷ боб, 11 зербоб, хулоса ва руйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Дар муқаддима мубрам будани мавзуи рисолаи докторӣ, зарурати омузишӣ он, объект ва предмети пажуҳиш, мақсаду вазифа, заминаҳои назариявӣ ва методологии диссертатсия, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии рисола асоснок шудаанд.

Боби якум "Асосҳои назариявии ҳуқуқӣ-конститутсионии раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ном дошта фарогири се зербоб мебошад.

Дар зербоби якуми боби мазкур "Асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таносуби

ҳуқуқэҷодкунӣ ва қонунэҷодкунӣ” оид ба ҳуқуқэҷодкунӣ ва қонунэҷодкунӣ, ки дар ҳар кишвар, аз ҷумла дар ҶТ яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад, номгузорӣ гардидааст.

Дар зербоби дуюм “Давраҳои раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон” муаллиф назарияҳои олимони ватанӣ ва хориҷиро оид ба раванди қонунгузорӣ, ки ба давраҳои асосӣ ва ғайриасосӣ, иловагӣ ё факултативӣ ҷудо мешаванд таҳлил намуда, ба хулоса омадааст, ки раванди қонунгузорӣ набояд аз давраҳои зиёд иборат бошад, зеро ба андешаи муаллиф ин ба рафти қабули қонунҳо, аз ҷумла ба сари вақт қабул кардани онҳо мусоидат накарда, мушкилиҳоро ба миён меорад.

Зербоби сеюми боби якум “Принсипҳои раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ном дошта, аз тарафи унвонҷӯ принсипҳои умумиэътирофшуда, ки ба ҳуқуқэҷодкунӣ, қонунэҷодкунӣ ва раванди қонунгузорӣ алоқамананд, муфассал мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудааст.

Боби дуюми диссертатсия “Субъектҳо ва механизми амалисозии ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ”, ки аз чор зербанд иборат аст, бахшида шудааст.

Зербоби якуми боби дуюм ба “Мафҳум ва намудҳои субъектони ҳуқуқи ташббуси қонунгузорӣ” бахшида шудааст. Дар ин зербоб муаллиф ба таври пурра мафҳуми ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ва аҳамияти онро дар раванди қонунгузорӣ хеле хуб маънидод намудааст. Чунки устувории қонун аз таҳия ва фаъолияти субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ вобаста буда, аҳамияти калон дорад. Ҳамчунин аз тарафи муаллиф оид ба васеъ намудани доираи субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ якчанд пешниҳодҳо манзур карда шудаанд.

Зербоби дуюми боби дуюм “Моҳияти конститутсионӣ ва ҳуқуқии ташаббуси қонунгузории вакили Маҷлиси намояндагон ва аъзои Маҷлиси миллӣ” номгузорӣ шудааст. Бояд тазаккур дод, ки муаллиф андешаҳои худро роҷеъ ба ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ доштани

вакилон ва аъзоёни парлумон, ки дар моддаи 58 Конститутсияи ҶТ муқаррар шудааст, илман асоснок намудааст. Ҳамзамон муаллиф таҷрибаи парлумони кишварҳои ба мо ҳамсоя Ҷумҳурии Узбекистон ва Қазокистон, ки аъазоёни палатаи болоӣ аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ бархурдор нестанд, муқоиса карда, андешаҳои худро иброз намудааст.

Зербоби сеюми боби дуюм ба "Ташаббуси қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" бахшида шудааст. Муаллиф қайд намудааст, ки Президенти ҶТ дар самти қонунгузорӣ салоҳияти васеъро доро мебошад. Дар рисола муфид будани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Президенти ҶТ баён ёфтааст.

Зербоби чоруми боби дуюм "Татбиқи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" ном дорад. Маълум аст, ки дар ҶТ ва аксарияти кишварҳои ҷаҳон Ҳукумат дорои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ мебошад. Яъне Ҳукумат таҳиякунанда ва пешниҳодкунандаи лоиҳаи қонунҳо маҳсуб ёфта, аксарияти лоиҳаи қонунҳо аз тарафи Ҳукумат ба парлумон ирсол мегарданд.

Боби сеюми рисола "Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии қабули қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон"аз ду зербоб иборат аст.

Зербоби якуми боби сеюми рисола ба "Баррасӣ ва қабули қонунҳо дар Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ном дорад, ки ба давраи асосии раванди қонунгузорӣ марбут буда, мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Маҳсули раванди қонунгузорӣ ин санади меъёрии ҳуқуқӣ – яъне қабули қонунҳо мебошад. Дар кишварҳои демократӣ ва ҳуқуқбунёд эътироф шудааст, ки қабули қонун ба ваколати Парлумон дохил мешавад. Дар ҶТ низ ваколати қабули қонунҳои конститутсионии ҶТ ва қонунҳои ҶТ ба ваколати Маҷлиси Олӣ вогузор карда шудааст. Бояд тазаккур дод, ки муаллиф мафҳум ва фарқияти қабули қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳоро мавриди таҳқиқ қарор дода, илман онро асоснок намудааст. Муаллиф доир ба устувории қонунҳо, мукаммал будани қонунҳо фикру андешаҳои худро иброз намудааст. Илова бар ин муаллиф оид ба зуд зуд ворид намудани тағйиру илова ба баъзе қонунҳо изҳори нигаронӣ

менамояд, яъне ба андешаи муаллиф зуд зуд ворид намудани тағйиру илова ба қонуни амалкунада ноустувории қонунро ба миён меорад.

Зербоби дуюми ҳамин боб ба "Тафсири расмии Конститутсия ва қонунҳои ҶТ" бахшида шудааст. Муаллиф ба яке аз масъалаҳои муҳими Маҷлиси Олӣ, тафсири Конститутсияи ҶТ андешаҳои худро иброз намудааст. Ба андешаи муаллиф тафсири Конститутсияи ҶТ як институти зарурӣ ва муҳими танзими ҳуқуқӣ ба шумор меравад, хусусан дар замони муосир. Риоя намудани волоияти қонун, пеш аз ҳама, эҳтироми қонун ва дарки объективии меъёрҳои мавҷударо дар назар дорад.

Дар баробари ин муаллиф доир ба тафсири қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳои ҶТ мавҷуд будани масоилҳои мубрамро низ мавриди таҳқиқ қарор додааст. Муаллиф фарқияти тафсири Конститутсия ва қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳои ҶТ – ро низ илман асоснок намуда мавриди таҳлил қарор додааст. Ҳамзамон муаллиф оид ба тафсири Конститутсия ва қонунҳо якчанд пешниҳодҳоро иброз намудааст.

Боби чоруми рисола "Банақшагирии раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" фарогири ду зербоб мебошад.

Зербоби якуми боби чоруми рисола фарогири "Масъалаҳои мубрами банақшагирии раванди қонунгузорӣ" мебошад. Муаллиф зарурияти банақшагирии таҳияи лоиҳаи қонунҳо, мукаммалгардонии қонунҳои амалкунанда, ба нақша гирифтани зарурати қабули қонунҳои мутобиқ ба замони муосир, ҷавобгӯ ба ҳувияти миллӣ ва арзишҳои миллии халқи тоҷикро таҳқиқ намудааст. Ҳамчунин бояд тазаккур дод, ки дар банақшагирии таҳияи лоиҳаи қонунҳо саҳми кумита ва комиссияҳои Маҷлиси намояндагон муҳим мебошад. Муаллиф зарурати банақшагирии лоиҳаи қонунҳоро дар он мебинад, ки тибқи барнома аз тарафи кумитаҳои соҳавӣ мутобиқи нақша баррасӣ карда мешаванд.

Зербоби дуюми боби чорум ба "Экспертизаи лоиҳаи қонунҳо" бахшида шудааст. Муалллифи рисола мавҷуд будани якчанд намуди экспертизаро таҳлил намудааст. Намудҳои экспертиза гуногун буда,

мутобиқи қонунгузории ҶТ лоиҳаи қонунҳо ба экспертизаи ҳатмии ҳуқуқӣ, зиддикоррупсионӣ қарор дода мешавад. Муҳиммияти амалигардонии экспертизаи лоиҳаи қонунҳо аз тарафи муаллиф асоснок карда шудааст. Муаллиф мақсади гузаронидани экспертизаи лоиҳаи қонунҳоро зарур мешуморад, чунки он норасоиҳои лоиҳаи қонун, нуктаҳои баҳсталабро бартараф менамояд. Муаллиф дар рафти таҳлил муайян намудааст, ки экспертизаи лоиҳаи қонунҳо дорои як қатор хусусиятҳо мебошанд, аз ҷумла экспертизаи лоиҳаи қонунҳо бояд аз ҷониби шахсони масъул ва мутахассисони соҳа ба амал бароварда шавад, аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шавад ва ғ.

Боби панҷуми рисола ба "Имзои қонунҳо аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, интишор ва ба қувваи амал даромадани онҳо" бахшида шудааст. Муаллиф ибрози назар намудааст, ки ба имзорасонии қонунҳо аз ҷонибӣ Президенти кишвар давраи ниҳоии раванди қонунгузории парлумон ҳисобида мешавад. Ҳамчун қоида, парлумон қонуни қабулшударо ба Президент барои имзо ирсол менамояд. Қонуни имзошуда аз тарафи Президент маънои онро дорад, ки раванди қабули қонун ба итмом расид. Яъне Президент бо қабули ин қонун розӣ буда, онро ба тасвиб мерасонад ва амр медиҳад, ки он интишор карда шавад. Қонунҳои батасвибрасида дар нашриёти расмӣ интишор мешаванд. Муаллиф дар рисола ба тариқи расмӣ ва ё ғайрирасмӣ нашр шудани қонунҳоро низ таҳлил намудааст. Муаллиф бархе аз андешаҳои олимонро роҷеъ ба ин масъалаҳо таҳлил намудааст. Гуруҳе аз олимон бар он ақидаанд, ки интишор ва ба қувваи амал даромадани қонун давраҳои раванди қонунгузорӣ мебошад. Аммо муаллиф собит намудааст, ки чунин нест. Интишор ва ба қувваи амал даромадани қонунҳо аллакай аз ваколати парлумон берун аст. Ва ин фаъолиятро ҳокимияти иҷроия амалӣ месозад. Ин боб ҳамчунин фарогири дигар масъала, ба имзо нарасонидани қонун аз тарафи Президентро дар бар мегирад. Президенти ҶТ дар муддати 15 руз ба қонун имзо мегузорад ва ё онро бо пешниҳоду эродҳо ба Маҷлиси намояндагон бармегардонад. Маҳз ҳамин раванд,

раванди иловагӣ ба ҳисоб меравад. Қонунгузории ҶТ баргардонидани қонунҳо аз ҷониби Президентро ва ҳамзамон чӣ гуна бартараф намудани эродҳои пешниҳодшударо, яъне такроран дар ҳамон таҳрир қабул намудани қонунро муфассал муқаррар намудааст. Ҷанбаҳои асосии онро муаллиф асоснок намудааст.

Хулоса, рисолаи мазкур мукаммал, мантиқӣ ва дар доираи одоби илмӣ таҳия шудааст. Дар рисола таклифу пешниҳод, натиҷаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ инъикоси худро ёфтаанд. Унвонҷу дар алоқамандӣ бо диссертатсия автореферати онро мутобиқ ба шарт ва талаботи мавҷуда омода кардааст. Автореферат дар асоси рисолаи илмӣ, омода шуда ба он аз лиҳози мантиқӣ мутобиқ мебошад.

**Эродҳо ба диссертатсия.** Дар баробари ҷанбаҳои мусбат, диссертатсия дорои баъзе масоили баҳсноки илмӣ низ мебошад, аз ҷумла:

1. Бояд зикр намуд, ки раванди қонунгузорӣ, ба андешаи мо танҳо ба парлумон таалluқ надорад. Ин раванд гарчанде асосан фаъолияти парлумонро дар бар гирад ҳам, баъзе аз масъалаҳои он (ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, имзо ва нашри қонунҳо) берун аз фаъолияти парлумон сурат мегирад. Яъне дар раванди қонунгузорӣ дигар суъектҳо низ (Президент, Ҳукумат, дигар субъектони дорои ташаббуси қонунгузорӣ) иштирок мекунанд.

2. Бандҳои 4, 5, 6 ва 7 тавсияҳоро оид ба такмили қонунгузорӣ дар бораи тафсири Конститутсия ва қонунҳоро дар бар гирифтааст. Пешниҳод шудааст, ки қонунҳо “Дар бораи тафсири Конститусия” “Дар бораи тафсири қонунҳое, ки дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудааст, қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” таҳия ва қабул карда шаванд. Ҳамчунон пешниҳод шудааст, шарҳи ҳама намуди қонунҳо, ба истиснои Конститутсия, дар шакли қонун қабул карда шавад. Ин андешаи худро унвонҷӯ ба он асоснок намудааст, ки Маҷлиси миллӣ низ бояд дар ин раванд иштирок кунад. Ба андешаи мо, ба истиснои тафсири Конститутсия, ки дар шакли қонуни конститутсионӣ қабул мегардад ва Маҷлиси миллӣ дар ҷонибдории он иштирок мекунад,

Дар умум, рисолаи Яқубова Сабоҳат Нарзуллоевна дар мавзуи “Масъалаҳои мубрам ва раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқӣ-конститутсионӣ” ба унвони таҳқиқоти комил ба бандҳои 71 ва 72-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгу аст. Муаллифи рисола Яқубова Сабоҳат Нарзуллевна барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ доир ба ихтисоси 12.00.02 - Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ сазовор мебошад.

Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор, Ёрдамчии Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба
масъалаҳои ҳуқуқӣ — Ализода З.

Имзои Ализода З. - ро тасдиқ мекунам
«10» 05 2024 с.

Сардори шуъбаи кадрҳои
Дастгоҳи иҷроияи Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон — Саидзода М.

РАЁСАТИ КОРГУЗОРӢ ВА НАЗОРАТ
ДАСТГОҲИ ИҶРОИЯИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кучаи Ш. Шотемур 20. тел:(992 37) 22322-14. Факс: (992 37) 223-22-14.
“10” 05 2024 с.